Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 017-и назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Душанбе, кучаи Айнӣ, 44

## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ғафурзода Сорбон Хушдил дар мавзӯи “Такмили механизми таъмини амнияти иқтисодии соҳаи саноат дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёт (дар мисоли корхонаҳои саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистон)” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051000 – Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ (6D051003 – Амнияти иқтисодӣ)**

Дар шароити ҷаҳонишавии иқтисод ва рақобати афзояндаи бозорҳои ҷаҳонӣ, масъалаи таҳкими амнияти иқтисодии давлат ва бахусус бахши саноатӣ, ба яке аз самтҳои асосии сиёсати давлатӣ табдил ёфтааст. Рушди устувори иқтисоди миллӣ бе таъмини амнияти истеҳсолӣ, сармоягузорӣ ва молиявии соҳаҳои стратегӣ, махсусан саноат, ғайриимкон аст. Аз ин лиҳоз, мавзӯи таҳқиқоти илмии пешниҳоднамудаи Ғафурзода Сорбон Хушдил дорои аҳамияти баланди назариявӣ ва амалӣ мебошад ва ба ҳалли масъалаҳои муҳими стратегияи иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон равона шудааст.

Муаллиф дар диссертатсия ба масъалаи такмили механизми таъмини амнияти иқтисодии соҳаи саноат дар заминаи рушди инноватсионии иқтисодиёт рӯ овардааст, ки ин масъалаи нав, замонавӣ ва барои иқтисоди миллии кишвар дорои аҳамияти амалӣ мебошад. Таҳқиқоти мазкур бо назардошти равандҳои муосири иқтисодии дохилӣ ва ҷаҳонӣ, тағйирёбии муҳити сармоягузорӣ ва зарурати баланд бардоштани рақобатпазирии истеҳсолоти саноатии кишвар анҷом ёфтааст.

Муаллиф дар асоси таҳлили оморӣ ва муқоисавӣ нишон додааст, ки дар солҳои охир соҳаи саноати Тоҷикистон тамоюли рушди устувор дорад. Аз ҷумла, дар давраи солҳои 2017–2023 ҳаҷми умумии истеҳсолоти саноатӣ 156,3 фоиз афзоиш ёфтааст. Гарчанде дар солҳои

2020–2021 суръати афзоиш каме коҳиш ёфт, аммо нишондиҳандаҳои умумӣ далели таҳкими иқтидори истеҳсолӣ ва беҳтар шудани идоракунии иқтисодӣ дар ин соҳа мебошанд.

Дар айни замон, бахши хусусии саноат, ки нақши калидӣ дар таъмини устувории иқтисоди миллӣ мебозад, низ рушди назаррас нишон додааст. Ҳаҷми истеҳсолоти он дар соли 2023 нисбат ба соли 2017 2,41 маротиба зиёд гардида, ҳиссаи он дар сохтори умумии саноат 2,33 банди фоизӣ афзоиш ёфтааст. Ин раванд нишон медиҳад, ки бахши хусусӣ ба як муҳаррики воқеии рушди саноат ва таъмини амнияти иқтисодӣ табдил ёфтааст.

Муаллиф дар таҳқиқоти худ робитаи байни афзоиши истеҳсолот, тавоноии молиявӣ ва сатҳи амнияти иқтисодиро возеҳ нишон додааст. Хулосаи асосии тадқиқот он аст, ки афзоиши истеҳсолоти саноатӣ дар ҳар ду бахши давлатӣ ва ғайридавлатӣ ба таҳкими амнияти иқтисодӣ мусоидат мекунад. Чунин муносибати илмӣ ба арзёбии омилҳои устувории иқтисоди миллӣ як навовари назариявӣ ба ҳисоб меравад.

Аз нигоҳи назариявӣ, диссертант дар асоси таҳлили комил механизми таъмини амнияти иқтисодиро дар сатҳи соҳа тавзеҳ дода, роҳҳои такмили онро бо дарназардошти омилҳои институтсионалӣ, инфрасохторӣ ва инноватсионӣ пешниҳод намудааст. Аз нуқтаи назари амалии тадқиқот, тавсияҳои пешниҳодшуда барои такмили сиёсати давлатӣ дар бахши саноат, таҳкими иқтидори истеҳсолӣ ва ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ аҳамияти воқеӣ доранд.

Бо вуҷуди ин, ба манфиати кор мебуд, агар муаллиф дар ҷараёни таҳқиқот пурсишҳои илмӣ миёни намояндагони соҳаи саноат, соҳибкорон ва коршиносон гузаронида, натиҷаҳои онҳоро ба таври оморӣ таҳлил менамуд. Ин усули эмпирикӣ имкон медод, ки хулосаҳои назариявӣ бо маълумоти таҷрибавӣ пурратар асоснок шаванд.

Бо назардошти мазмун, сохтор ва муҳтавои илмии кор, метавон хулоса кард, ки диссертатсияи Ғафурзода Сорбон Хушдил ба талаботи амалкунандаи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295 пурра ҷавобгӯ буда, дорои аҳамияти баланди илмӣ ва амалӣ мебошад. Тадқиқот ба рушди илми иқтисодӣ дар самти амнияти иқтисодӣ ва идоракунии давлатӣ саҳми назаррас мегузорад.

Бо назардошти таҳлили муфассали мазмун ва натиҷаҳои илмии бадастомада, метавон бо итминон гуфт, ки Ғафурзода Сорбон Хушдил сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D051000 – Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ (6D051003 – Амнияти иқтисодӣ) мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**мудири кафедраи иқтисодиёти байналмилалии**
**МДТ "Донишгоҳи технологии Тоҷикистон"**
**номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент** **Акилҷонов Ф.Ш.**
«13» 11 соли 2025

Акилҷонов Фурқатҷон Шарифович, тел.: +992 93 572-77-72
E –mail: furkat_75@mail.ru
Имзои н.и.и., дотсент Ф.Ш. Акилҷонов -ро тасдиқ менамоям.

Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва
назорати МДТ "ДТТ" Абдуназаров А.Ҷ.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734061,
ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев, 63/3.
Телефон: (+992 37) 234-79-87
E-mail: rectorat-tut@mail.ru
«13» 11 соли 2025

ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН
ТЕХНОЛОГИЧЕСКИЙ УНИВЕРСИТЕТ ТАДЖИКИСТАНА
РАЁСАТИ КАДРҲО, КОРГУЗОРӢ ВА НАЗОРАТ
УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ, ДЕЛОПРОИЗВОДСТВА И КОНТРОЛЬ